ҚАРОРИ

шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

17 январи соли 2024 №02 ш. Душанбе

Оид ба сазовор донистани дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло

Баромади унвонҷӯй Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D-010300 - Педагогика ва психология (13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) пешниҳод шудааст; баромади муқарризони расмӣ: Мирзоев Абдулазиз Раҷабович - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Каримзода Шавкат - номзади илмҳои педагогӣ, директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе; баромади аъзои шурои диссертатсионӣ: Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, Мухаметов Гапур Бабаевич - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, Гулмадов Файз - доктори илмҳои педагогӣ ва Шербоев Саидбой - доктори илмҳои педагогӣ, профессорро шунида ва муҳокима намуда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи қабулнамудаи шуро оид ба диссертатсияи унвонҷӯ дар бораи мубрамият, навгонӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин аз рӯйи натиҷаи мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-022

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) пешниҳод шудааст, ҷавобгӯйи талаботи

пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди дахлдори Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ) мебошад.

2. Мақолаҳои интишоршуда ба дараҷаи кофӣ муҳтавои асосии диссерта тсияро инъикос мекунанд.

3. Ба Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руи ихтисоси илмҳои педагогӣ дода шавад.

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки ба Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дипломи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руи ихтисоси илмҳои педагогиро диҳад.

Раиси шурои муштараки
диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Гулмадов Ф.

Котиби илмии шурои
муштараки диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Каримзода М.

*"Имзои Ф. Гулмадов ва М. Каримзодаро тасдиқ мекунам"*

*Мудири бахши кадрҳо*
*ва коргузории АТТ* — *М. Саидова*